*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17).*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи илмии Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи “Мукаммалсозии механизми танзими давлатии хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: (менеҷмент).**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ хоҷагии қишлоқ қисми зарур ва муҳими таркибии сектори иқтисодиёти миллӣ буда, нақши танзимкунандаи бехатарии озуқаворӣ, таъмини ҷойҳои корӣ хусусан ба аҳолии деҳот, таъмини маҳсулоти ашёи хом ба корхонаҳои агросаноатӣ, кам намудани вобастагӣ аз маҳсулотхои пастсифати воридотии хурокворӣро иҷро намуда, дар рушди иқтисоди миллӣ нақши сазовор дорад. Дар робита ба ин, қайд кардан зарур аст, ки соҳаи кишоварзӣ дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон соҳаи дотатсионӣ ба ҳисоб рафта, ҳамеша ба танзиму кумаки давлат эҳтиёҷманд аст. Бинобар ин, муайянсозии унсурҳои илман асоснокшудаи механизми иқтисодии танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ва параметрҳои асосии он дар бисёр ҳолат аз дурустии мақсад ва вазифаҳои ҳалшаванда, инчунин истифодаи оқилонаи захираҳо барои ҳалли вазифаҳою тартиби амалисозии чора-биниҳо вобастагӣ дорад. Мавқеи ҳалкунандаро дар ташкили асосҳои иқтисодии таъмини рушди босуботи хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми танзими давлатии соҳа иҷро менамояд.

Дар шароити муосир соҳаи кишоварзии кишвар дорои муаммоҳои зиёди иҷтимоиву иқтисодӣ буда, яке аз муҳимтарини онҳо танзими ташаккули истеҳсолоти самарабахш, даромаднок ва рақобатпазирии хоҷагии қишлоқ мебошад.

Гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ доир ба ташаккулёбии моделҳои хоҷагии қишлоқи рақобатпазирро бухрони амиқи дарозмуддат ва паст рафтани ҷараёни истеҳсолӣ дар соҳаи агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон халалдор намуд. Аз нигоҳи муаллифи автореферат, бухрони мазкурро танҳо ба шарофати оқилона ва самарабахш баланд бардоштани маҳсулнокии соҳаи агросаноатии ҷумҳурӣ ва таъминнокии бозори дохилии он бо маҳсулоти истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар асоси рақобатпазирии ин маҳсулот бартараф кардан мумкин аст, ки мо низ назарияи пешниҳоднамудаи

муаллифро дуруст меҳисобем. Инчунин дар автореферат, зарурати танзими давлатии дигаргунсозиҳои институтсионалӣ дар хоҷагии қишлоқ асоснок карда шудааст, ки пеш аз ҳама, аз принсипи эволютсионии рушди иқтисодиёт бармеояд. Ин нишон медиҳад, ки институтҳои хоҷагии қишлоқ нисбат ба дигар сохторҳои институтсионалӣ инерсияи назарраси рушдро нишон медиҳанд ва дастовардҳои пешрафти илмӣ ва техникиро бо такя ба технологияҳои анъанавӣ суст истифода мебаранд. Ҳамаи ин таъсиррасонии давлатро дар танзими равандҳои институтсионалӣ дар хоҷагии қишлоқ тақозо мекунад. Ғайр аз он, зарурат ба идоракунии давлатӣ натанҳо дар давраҳои буҳронӣ, балки дар дигар марҳилаҳои рушди хоҷагии қишлоқ барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани самараи рушди устувор ба вуҷуд меояд

Албатта, дар автореферат ҷанбаҳои назариявию амалии такмили механизми танзими давлатии хоҷагии қишлоқ дар давраи иқтисоди бозорӣ зиёд ба назар мерасад. Яке аз ин ҷанбаҳо дар саҳифаи 25 оварда шудааст, ки ин: “дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир тамоюли пастравии сатҳи дастгирии ҳукумат мушоҳида мешавад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки агар ҳаҷми маблағгузориҳо ба соҳа аз буҷети кишвар соли 2014 - 1331,3 млн. сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2018 ҳамагӣ ба 571,5 ҳазор сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2014 - 57,1 банди фоиз кам мебошад. Дар баробари ин агар ҳаҷми хароҷоти буҷет ба рушди хоҷагии қишлоқ дар соли 2014 – 9,23 %-ро ташкил медод ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 3,39 % паст гардида, дар давраи таҳлилшаванда 74,1 банди фоиз кам гардидааст” мебошад. Назари муаллиф қобили қабул ва дастгирӣ аст. Воқеан, имрӯз барои рушди иқтисодиёти миллӣ, махсусан барои рушди соҳаҳои хоҷагии қишлоқ сатҳи пасти маблағгузории давлатӣ ба хоҷагии қишлоқ таъсири худро дар деҳот гузошт, ки ин омил яке аз муаммоҳои ҷиддии фаъолияти истеҳсоливу хоҷагидорӣ мебошад.

Дар баробари аҳамияти тадқиқотҳои гузаронидашудаи назариявию амалӣ, автореферати мазкур ба фикри мо аз норасоиҳо зерин иборат мебошад:

1. Агар муаллиф дар ҷадвали 1-уми автореферат таҳлили муқоисавии заминҳои корношоям гардидаи ҷумҳуриро дар солҳои 2014-2018 нишон медод, ҳолати муосири камбудиҳои хоҷагии қишлоқ возеҳтар аён мегардид;

2. Муаллиф дар саҳифаи 31, ибораҳои “нокомии бозор” ва “бесамарии ҳукумат”-ро дарҷ намудааст, лекин оиди шарҳи иқтисодии онҳо дар низоми фаъолияти хоҷагии қишлоқ ягон мавод оварда нашудааст.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти илмии муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор баён гардидаанд.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки автореферати илмии Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи “Мукаммалсозии механизми танзими давлатии хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: менеҷмент ба ҳамаи талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, навгониҳои пешиҳодшуда арзиши баланди илмӣ доранд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло Собирзода Нуралӣ Миралӣ сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: менеҷмент мебошад.

**Тақриздиҳанда: декани факултети молия ва иқтисодиёти бозори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Қодиров А.Л.**

Имзои д.и.и., профессор Қодиров А.Л.-ро тасдиқ мекунам
Сардори ШК Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Ашрапова З.Н.

Суроға: 735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова 1
Тел: (+992) 3422 6 52 73; (+992) 92 777 40 63
Вебсайт: www. hgu.tj
E-mail: kadir55@mail.ru